*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 74 (4657) | ЧОРШАНБЕ, 7 ИЮНИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО СЕРГЕЙ ЛАВРОВ

**Шашуми июни соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Сергей Лавровро, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россияро дар доираи шарикии стратегии ҳар ду давлат баррасӣ намуда, маҷмӯи масъалаҳои мубрами робитаҳои дуҷониба дар заминаҳои сиёсӣ, тиҷорат, иқтисод ва гуманитарӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифт. Дар ин замн муҳимияти таҳкими пайвастаи ҳамкорӣ дар самтҳои мазкур таъкид гардид.

Сарвари давлати мо раванди рушди бомароми муносиботи ҳар ду кишварро дар ҳамаи самтҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак қайд карда, аҳамияти таҳкиму тавсеаи робитаҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод, маориф, муҳоҷират, инчунин ҳамкориҳои байниминтақавиро таъкид карданд.

Дар чорчӯбаи суҳбат атрофи масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла қазияи Афғонистон, мубодилаи афкор сурат гирифт.

**www.president.tj**

---

**Дар кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Ҳафтуми июни соли 2023 таҳти раёсати муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Бозоралӣ Одиназода ҷаласаи кумитаи мазкур доир гардид.**

Аъзои кумита чор масъала – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафт ва газ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Онҳоро муовини раиси кумита Бозоралӣ Одиназода, аъзои кумита Фазлиддин Шоиддинов ва Ҳасан Дӯстзода шарҳу тавзеҳ доданд. Сипас, оид ба масъалаҳои мавриди баррасӣ хулосаҳо қабул ва ба Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

---

**Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

## ҚОНУНИ НАВ БА ҶАЛБИ БЕШТАРИ САРМОЯГУЗОРОН МУСОИДАТ МЕНАМОЯД



**Ҳафтуми июни соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 61 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Содиқ Шоназаров, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода, муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода, директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳобзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ шаш масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар нест? Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишномаи мустақим байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Азнавсозии системаи аэронавигатсионӣ»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»**

**5. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи якум сухан ба муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф МАҶИДӢ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо масъала «Дар хусуси Созишномаи мустақим байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Азнавсозии системаи аэронавигатсионӣ», ки 3 – юми марти соли 2023 ба имзо расидааст, манзур мегардад.

Барои расидан ба ҳадафҳои лоиҳаи мазкур аз Бонки аврупоии таҷдид ва рушд 2 миллион евро қарз ҷалб шудааст. Инчунин, тақрибан 900 ҳазор (899 295) евро грант барои хариди низоми алоқаи садоӣ, барои дастгирии институтсионалии соҳаи аэронавигатсия ва ҷорӣ намудани низоми автоматиконидашудаи тарроҳии хатсайрҳо ҷалб гардидааст.

Лоиҳаи мазкур аз се компонент иборат буда, барои таъмини хариди таҷҳизоти зерин равона гардидааст: Истгоҳи авиатсионии метеорологӣ (обуҳавосанҷӣ) бо васли таҷҳизоти зарурӣ барои филиали корхона дар шаҳри Хуҷанд, радиостансияи алоқаи барқии авиатсионӣ дар мавҷҳои кӯтоҳ ва ултракӯтоҳ дар Фурудгоҳи шаҳри Душанбе, низоми алоқаи садоӣ барои филиали корхона дар шаҳри Бохтар.

Бо мақсади иҷрои супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 18 - уми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 26 – уми январи соли 2018 ва «Нақшаи чорабиниҳои таъмини соҳаи аэронавигатсияи ҷумҳурӣ бо таҷҳизоти муосир барои давраи солҳои 2018-2020», тасдиқ намудани созишномаи мустақими мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Комрон Исмоилиён дода мешавад. Марҳамат.

**Комрон ИСМОИЛИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Созишномаи мустақим байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Азнавсозии системаи аэронавигатсия» 3 - юми марти соли 2023 дар шаҳри Лондон бо мақсади азнавсозии низоми аэронавигатсия ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 – уми майи соли 2023 таҳти №1699 нисбат ба созишномаи мазкур, тибқи муқаррароти Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, расмиёти дохилӣ иҷро гардид.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2008, ҳангоми таъсис додани Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия», ба ихтиёри он аз тавозуни Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» таҷҳизоти аэронавигатсионии фарсудашуда гузаронида шуда буд. Бинобар ин, барои таъмини бехатарии парвозҳо, бо мақсади ивазнамоии таҷҳизоти фарсуда ба муосир дар «Барномаи давлатии «рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» 20,0 миллион доллари ИМА сармояи давлатӣ ба нақша гирифта шудааст.

Кумитаи масъул 5 – уми июни соли 2023 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони кумитаҳо, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати мамлакат, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» созишномаро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намудани онро мувофиқи мақсад шуморид.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтилоф надошта, ба моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи мустақим байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Азнавсозии системаи аэронавигатсионӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Саъдӣ ҚОДИРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо мақсади гузаронидании ислоҳот дар самти танзими соҳаи низоми иҷзатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) ва дигар намуди ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, ҳамзамон барои ба роҳ мондани расмиёти ягонаи коргузорӣ дар тамоми мақомоти давлатӣ оид ба масъалаи мазкур дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми майи соли 2004 таҳти №37 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва аз 2- юми августи соли 2011 таҳти №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият ва амали соҳибкорӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

# ҚОНУНИ НАВ БА ҶАЛБИ БЕШТАРИ САРМОЯГУЗОРОН МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 6 боб ва 47 модда иборат буда, муқаррароти умумӣ, принсипҳои низоми иҷозатдиҳӣ, расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан ё қатъ намудани амали иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо ва муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад. Муҳимтарин муқаррароте, ки дар лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад, ин меъёрҳои муайянкунандаи тамоми намудҳои фаъолият ва амалҳое, ки барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома, ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, инчунин масъалаҳои алоқаманд бо додани ҳуҷҷатҳои хусусиятҳои иҷозатдиҳидошта ба фаъолият, амал, мол, кор ва хизматрасонӣ амалӣ мешаванд, дар доираи як қонуни мукаммал минбаъд танзим мегарданд.



Тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, муносибатҳои соҳибкорӣ аз рӯи принсипи ягона - расмиёт, муҳлати номаҳдуд ва якдафъаинаи ҳуҷҷатҳои хусусиятҳои иҷозатдиҳидошта барои фаъолият, амал, мол, кор ва хизматрасонӣ (ба истиснои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ) ва андозаи пардохти хироҷи муайян барои дастрас намудани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта ба роҳ монда мешавад. Муҳлати амали иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда, бо назардошти ба муҳлати номаҳдуд ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод гардидани ҳуҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, минбаъд ба онҳо хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори иҷозатнома, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар шакли бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷорӣ мешавад.

Ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаи якдафъаина барои фаъолият ва ё амалҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ мушаххасан муайян гардидаанд, ки аз лаҳзаи анҷом додани фаъолият ва ё амали якдафъаинаи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охир мерасад. Хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, хароҷоти ташхис, экспертиза, таҳлил ва озмоишҳои лабораториро, ки ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта сурат мегиранд, дар бар намегирад. Арзиши чунин ташхис, экспертиза, таҳлил ва озмоишҳои лабораторӣ бояд дар сомонаи расмии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳандаи дахлдор интишор шавад.

Қабул гардидани қонуни мазкур, ба муҳити соҳибкориву сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам оварда, сарбориро аз бахши хусусӣ ва омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро ҳангоми давра ба давра додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта аз байн мебарад ва ҷолибияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои ҷалби сармоягузорӣ дар байни кишварҳои ҳамсоя бештар мегардонад.

Татбиқи қонуни мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои самаранок амалӣ гаштани ислоҳоти рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, аз 6 боб ва 47 модда иборат буда, боби якум ба муқаррароти умумӣ бахшида шуда, дар он мафҳумҳои асосӣ, доираи амал, меъёрҳои муайянкунии намудҳои фаъолият, феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷозатдиҳанда, назорат, амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, муҳлати амали ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, хироҷ барои додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, феҳристҳои иҷозатномаҳо, қоидаҳои умумии додани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта муқаррар шудааст.



Дар боби дуюм меъёрҳо доир ба принсипҳои низоми иҷозатдиҳӣ, шаффофияти низоми иҷозатдиҳӣ, ҳифзи манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлат дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ муқаррар шуда, боби сеюм расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан ё қатъ намудани амали иҷозатномаро муайян менамояд.

Боби чорум расмиёти додан, аз нав ба расмият даровардан, бекор кардан, боздоштан ё қатъ намудани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ном дошта, дар он меъёрҳои муайян доир ба «Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ заруранд», «Қабули қарор дар бораи додан ё рад кардани додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «Асосҳои рад кардан аз додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «Азнавбарасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «Додани нусхаи дуюм (дубликат)-и ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «Боздоштани амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ», «Қатъи амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» ва «Бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ» мустаҳкам шудааст.

Дар боби панҷум меъёрҳо доир ба расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ, қабули огоҳиномаҳо бахшида шуда, дар он «Ҳуҷҷатҳое, ки барои гузаштани расмиёти тасдиқ ва мувофиқасозӣ заруранд», «Санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ», «Рад кардан аз тасдиқ ва мувофиқасозӣ», «Расмиёти фиристодани огоҳинома» ва «Тасдиқи фиристодани огоҳинома» мустаҳкам шуда, боби шашум муқаррароти хотимавӣ ном дошта, дар он муқаррароти интиқолӣ, ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур муайян гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 – уми декабри соли 2022 таҳти № 1491 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ ва дар маҷмӯъ зиёда аз 160 таклиф пешниҳод намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндагони кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои молия ва адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, ҷонибдорӣ гардид.

Мавриди ёдоварист, ки лоиҳаи қонуни мазкур, инчунин, дар гурӯҳи корӣ бо иштироки муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шуд.

Баъд аз муҳокимаи зиёда аз 160 таклифу пешниҳоди вакилон дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 1, 5, 6, 7, 22, 24, 26, 27, 31, 34, 39 ва 43 қисмҳо ва бандҳои нав илова шуда, меъёрҳои моддаҳои 3, 11, 12, 13, 16, 20, 21, 22, 25, 27, 28, 29, 30, 31, 33, 35, 38, 36, 41, 42 ва 47 таҳрир шуданд.

Инчунин, аз моддаи 1 ду банд, қисмҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8 моддаи 32, қисмҳои 2, 3, 4 моддаи 37 ва қисмҳои 4, 5, 6, 7 моддаи 40 хориҷ шуданд, ки барои фаҳмо ва сода гардонидани меъёрҳои лоиҳаи қонуни мазкур ва ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ намудани он равона гардидааст.

Бо мақсади шаффоф ва мукаммал муайян намудани номгӯйи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва фаъолиятҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта, дар лоиҳаи қонуни мазкур Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда пешбинӣ гардидааст. Ба лоиҳаи феҳристи мазкур аз ҷониби аъзои гурӯҳи корӣ ва масъулон зиёда аз 30 пешниҳод манзур гардида, аксарияти онҳо қобили қабул шуданд.

Инчунин, бо супориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдор бо Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда шинос ва дар мувофиқа бо онҳо лоиҳаи феҳристи мазкур такмил дода шуд.

Бо назардошти хориҷ, муттаҳид ва ихтисоршуда 207 номгӯй ҳуҷҷат барои пешбурди фаъолият ва амалҳо арзёбӣ гардидаанд, ки 73 номгӯи он ба 284 зернамуд гурӯҳбандӣ гардида, 418 номгӯи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои пешбурди фаъолият, амал, мол (маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ)-ро дар бар мегирад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғиёсиддин Ашӯрзода дода мешавад.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо мақсади идома бахшидани ислоҳот дар самти танзими соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ, дар доираи як санади мукаммал танзим намудани муносибатҳои қайдгардида таҳия ва пешниҳод гардида, тибқи он, принсип ва шаффофияти низоми иҷозатдиҳӣ дар моддаҳои алоҳида оварда шуданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуда, аз шумо, вакилони гиромӣ низ бо эҳтиром хоҳиш менамоямд, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Раҳматзода дода мешавад.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар тамоми давлатҳои тараққикарда 80 дарсади Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби соҳибкории хурду миёна ташаккул меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раддабандии пешбурди соҳибкорӣ мавқеи кишвари мо солҳои охир 60 зина баланд шуда, ба қатори 10 кишвари таҳдидкунандаи рушди низоми соҳибкорӣ ворид гардидааст. Бартарии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар он аст, ки



дар баъзе намуди фаъолияте, ки низомсоз аст, масалан, фаъолият дар истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, хироҷе, ки аз субъектҳо ситонида мешавад, дар шакли нишондиҳанда барои ҳисобҳо пардохт мешавад. Лоиҳаи қонун дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ таҳия шудааст ва рушди иқтисоди миллиро таъмин мекунад.

Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

**РАИС: -** Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғиёсиддин Шарифзода дода мешавад.

**Ғиёсиддин ШАРИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар ҳақиқат идомаи ислоҳот дар самти танзими соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ буда, санади мукаммал дар таъмини муносибатҳои қайдгардида мебошад.

Дар мукамал намудани лоиҳаи қонуни мазкур Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон бо пешниҳоду таклифҳо саҳмгузорӣ намуда, аз шумо, вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни



Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»- ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода дода мешавад.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дарвоқеъ барои соҳибкорон ва сармоягузорӣ аҳамияти калон дошта, дар асоси омӯзиш, эроду пешниҳодҳо таҳия гардидааст. Он барои сармоягузорӣ шароити беҳтарро пешниҳод мекунад, чунки то имрӯз дар низоми иҷозатдиҳӣ баъзе духӯрагиҳо буданд ва ҳоло ин ба як тартиб сода гардонида шудааст. Дар маҷмӯъ, лоиҳаи қонуни мазкур мувофиқ ба талаботи имрӯза аст. Хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории он овоз диҳанд.

**РАИС:**- Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» яклухт ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» шурӯъ менамоем.

Сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Мақсад аз он муайян намудани асосҳо, тартиби муқаррар ва амалӣ намудани назорати маъмурӣ, дароз ва қатъ намудани он нисбат ба шахси таҳти назоратбуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва ваколати мақомоти корҳои дохилӣ ҳангоми амалисозии назорати маъмурӣ мебошад.

Шахси таҳти назоратбуда шахсест, ки нисбат ба ӯ бо тартиби муқаррарнамудаи лоиҳаи пешниҳодшуда назорати маъмурӣ муқаррар мешавад, ки доираи ин шахсон дар моддаи 4 лоиҳаи мазкур дарҷ гардидааст.

Назорати маъмурӣ аз ҷониби суд бо асосҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур нисбат ба шахси болиғе, ки барои содир намудани яке аз ҷиноятҳои зерин доғи судӣ дорад, муқаррар мегардад:

1) ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин;

2) ҷиноятҳо дар ҳолати ретсидиви ҷиноят;

3) ду ё зиёда ҷиноятҳои қасдона;

4) ҷиноятҳои қасдона ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ нисбат ба ноболиғон.

Нисбат ба шахси дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида назорати маъмурӣ муқаррар карда мешавад, агар:

1) ӯ дар давраи адо намудани ҷазо дар маҳали маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун вайронкунандаи ашаддии тартиботи муқарраршудаи муассисаи ислоҳӣ эътироф гардида бошад;

2) ӯ дар давоми як сол пас аз адои ҷазо ду ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурии вобаста ба тартиботи идоракунӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, ҳифзи саломатӣ ва амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ содир намуда, нисбаташ қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи мақомоти ваколатдори давлатӣ мавҷуд бошад.

Назорати маъмурӣ бо қарори судя дар асоси дархости мақомоти корҳои дохилӣ бо розигии прокурори дахлдор муқаррар мешавад. Назорати маъмурӣ аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ мешавад.

Тартиби бақайдгирии шахси таҳти назоратбуда ва амалӣ намудани назорати маъмурӣ аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад.

Бояд қайд намуд, ки мақсади лоиҳаи қонуни мазкур танзими муносибатҳо вобаста ба назорати маъмурӣ нисбат ба шахси таҳти назоратбуда ва пешгирии содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои нав аз ҷониби ӯ мебошад. Аз ин лиҳоз, таҳия гардидани лоиҳаи қонуни мазкур тақозои замон буда, ба танзими қонунгузории фаъолияти мақомоти салоҳиятдор равона мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мухолифат надорад ва амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои талаботи нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми июни соли 2021 таҳти № 211 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Ҳадафи лоиҳаи қонуни мазкур огоҳсозӣ ва пешгирии такроран содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои нав, ки оқибат ба содири ҷиноят оварда мерасонад ва муҳимтар аз ҳама, оромии ҷомеа мебошад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» аз 5 боб ва 14 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва амалӣ кардани назорати маъмурӣ, дароз, кам ва қатъ намудан муҳлати назоратиро нисбат ба шахси таҳти назоратбуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ ва ваколати мақомоти корҳои дохилиро ҳангоми бақайдгирӣ ва амалисозии назорати маъмурӣ муайян менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд.

65 таклифи пешниҳодшуда аз тарафи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, баъзе меъёру муқаррароти лоиҳа такмил ёфт.

Инчунин, дар рафти баррасии лоиҳаи қонуни мазкур, таклифу пешниҳодҳои муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода қабул шуданд, ки барои такмили лоиҳа мусоидат намуданд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда ба талаботи моддаи 10, боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки барои қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Нест.

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидҷаъфар Усмонзода дода мешавад.

**Саидҷаъфар УСМОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» ба он маъност, ки дар ҷомеа ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки пешгӯинашаванда аст. Эҳтимолиятҳое вуҷуд дорад, ки шаҳрванд ҳангоми адои ҷазои ҷиноятӣ низ дар муассисаҳои ислоҳотӣ ҷиноят содир мекунад. Пас аз адои ҷазо ӯ озод мешавад ва эҳтимол дорад, ки боз ба суботи кишвар хатар эҷод кунад. Аз ин рӯ, дар лоиҳаи қонун омадааст, ки ҳангоми озод шудани чунин шаҳрвандон муассисаҳои ислоҳотӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ хабар медиҳад ва рафтору кирдори чунин ашхос зери назорат гирифта мешавад. Ин қонун мувофиқи талаботи имрӯза аст. Хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» яклухт ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати маъмурӣ нисбат ба шахсони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзнома **-** «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Аламшозода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдураҳмон АЛАМШОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур барои иҷрои банди 4 «Нақшаи чорабиниҳои амалисозии барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми июни соли 2021 таҳти № 211 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Банди 4 – уми нақшаи чорабиниҳои зикргардида таҳия намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ»-ро пешбинӣ мекунад. Аз сабаби он ки тағйиру иловаҳои воридшаванда аз нисфи матни қонуни амалкунанда зиёд мебошад, бо дастрасии муқаррароти моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар таҳрири нав таҳия шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими шахсият, ҷамъият ва давлат, таҳкими қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин барои баланд бардоштани нақши шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ равона гардида, фарогири тамоми шаклҳои иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ буда, вазъи ҳуқуқии кормандони ғайриштатӣ, аъзои дастёрони ихтиёрӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои собиқадоронро, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, муайян намудааст.

Он вобаста ба иштироки шаҳрвандоне, ки дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат менамоянд, меъёрҳои ҳаволакунандаро пешбинӣ мекунад. Бо назардошти он ки бархе аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорои шӯроҳои собиқадорон ва кормандони ғайриштатӣ буда, дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок менамоянд, татбиқи қонун нисбат ба онҳо, бо назардошти хусусияти фаъолияти мақомоти мазкур амалӣ карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз 7 боб ва 32 модда иборат буда, ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Толибхон Азимзода дода мешавад. Марҳамат.

**Толибхон АЗИМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

# ҚОНУНИ НАВ БА ҶАЛБИ БЕШТАРИ САРМОЯГУЗОРОН МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

Яке аз мақсадҳои асосии таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур аз як тараф, давоми амалисозии «Барномаи ислоҳоти милитсия» бошад, аз тарафи дигар, фаъол гардонидани шаҳрвандон дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ҷиноятҳо ва мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ дар ҷомеа арзёбӣ мегардад. Мақсади дигар такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт амалкунанда, алалхусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» мебошад, ки асосан фаъолияти дружиначиёни халқиро ба танзим медарорад ва ин дар асоси талаботи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аст.

Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ карда, ҳамзамон барои такмили он 157 таклиф намуданд, ки ҳамааш ба назар гирифта, дар ҳамбастагӣ бо субъектони лоиҳаро пешниҳоднамуда, мувофиқа шуданд.



Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаҳои 28, 29 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи милитсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» яклухт ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Неъматулло Холбойзода дода мешавад. Марҳамат.

**Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, Неъматулло Холбойзода, Абдуҳалим Ғаффорзода, Комрон Исмоилиён ва Баҳриддин Зиёӣ бо мақсади такмили қонунгузории соҳаи метрология, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қонун аз 6 боб ва 28 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона муайян намуда, ба қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва иқтисодиёти мамлакат ба натиҷаҳои боэътимод ва муқоисашавандаи ченак, ҳифзи саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини иқтидори мудофиавӣ ва амнияти мамлакат равона гардидааст.

Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 15 - уми майи соли 1997 нишон дод, ки гарчанде ба он то имрӯз се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда бошад ҳам, аммо



муқаррароти он на ҳама паҳлуҳои танзими соҳаро дар бар гирифта, ба талаботи имрӯзаи стандартҳои байналмилалӣ ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини ченаки ягона ҷавобгӯй мебошад. Аз ин рӯ, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳое, ки дар соҳаи метрология ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштаанд, мувофиқи мақсад ҳисобида шуд, ки лоиҳаи қонуни нав таҳия ва қабул карда шуда, дар он муқаррароти стандартҳои байналмилалӣ ба назар гирифта шавад.

Дар лоиҳаи қонун таҷрибаи нав дар соҳаи метрология - андозагирии воситаи ченак, аттестатсияи воситаҳои ченкунӣ ва санҷиш, пайвастшавии метрологӣ, намунаҳои стандартии хосияти мавод ба назар гирифта шудаанд, ки яке аз омилҳои асосии эътирофи байналмилалии соҳа маҳз аз ин равандҳо вобастагӣ дорад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон онро ҷонибдорӣ намуда, барои мукаммалнамоии он 122 таклиф пешниҳод карданд, ки 36-тоаш қабул, 13-тоаш қисман қабул ва 73-тоаш қабул нагардид.

Лоиҳаи қонун ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мухолифат надошта, татбиқи он дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳобзода дода мешавад. Марҳамат.

**Темурҷон АБДУЛВАҲОБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» аз 6 боб ва 28 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолиятро дар соҳаи таъмини ченаки ягона муайян менамояд.

Бояд гуфт, ки дар бисёри кишварҳо низоми пешрафтаи ченак яке аз қувваҳои рушдкунандаи соҳаи саноат ба ҳисоб рафта, барои истеҳсоли маҳсулоти нав истифода гардида, ҳамчунин барои рушди бахши истеҳсолӣ дурустии воситаи ченак мавқеи асосӣ дорад.

Дар лоиҳаи қонун таҷрибаи нав дар соҳаи метрологияи муосир - андозагирии воситаи ченак, аттестатсияи воситаҳои ченкунӣ ва санҷиш, пайвастшавии метрологӣ, намунаҳои стандартии хосияти модда (мавод) ба назар гирифта шудаанд, ки яке аз омилҳои асосии эътирофи байналмилалии соҳа маҳз аз ин равандҳо вобастагӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи таҷрибаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо мақсади пурра фаро гирифтани соҳаи метрология ҳамкорӣ дар соҳаи мазкур бо хориҷи кишвар ва эътирофи натиҷаи фаъолияти соҳаи зикргардида маҳз тавассути қонунгузории соҳа амалӣ карда мешавад.

Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» яклухт ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» ба овоз монда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаи охирини рӯзнома - *Лоиҳаи Қарори* Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем.

Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Раҷабзода Равшан дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ва оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният таҳия ва пешниҳод шудааст.

Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 – уми декабри соли 2016 таҳти № 664 тасдиқ гардидааст.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 – юми октябри соли 2020 таҳти №1624 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 - уми августи соли 2016 таҳти №737 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид гардид. Дар асоси тағйиру иловаҳои воридгардида, мансабҳои нав дар сохтори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар §$2^1$ ба монанди «Сардори раёсат», «Муовини сардори раёсат», «Референти Раиси Маҷлиси намояндагон», «Референти муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагон» ифода шудаанд. Бо назардошти мансабҳои зикргардида, зарурат ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 – уми декабри соли 2016 таҳти № 664 ба миён омадааст.

Дар иртибот ба масъалаи баррасишаванда, аз ҷониби кумитаҳои зикршуда лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти таҷдиди сохтори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, ки дар он мансабҳои нави хизматӣ пешбинӣ гардидааст, таҳия шудааст.

Дар бандҳои 1, 4, 5, 6, 9, 11, 12, 15, 17 ва 23 тағйироти дахлдор ворид гардида, ҷумлаи дуюми банди 19 ва банди 22 хориҷ карда мешавад.

Ҳадаф аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳам мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки ба тарафдории Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ба кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои фаъол буданатон миннатдорӣ карда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Маърифати ҳуқуқӣ

# ТАЛАБОТУ МУҚАРРАРОТИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ КАДОМҲОЯНД?

**Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ истифода мешавад. Дар шакли васеъ тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида шуда, ба мафҳуми маҳдуд танҳо Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо дохил мешаванд. Сарчашмаҳои ҳуқуқӣ собит менамоянд, ки техникаҳои гуногуни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ онҳо на ҳамеша дуруст татбиқ мегарданд. Тавре профессор А. Ғ. Холиқзода дар асари «Андешаи давлати миллӣ» иброз намудааст: «Қонунгузорӣ бояд дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ ба сӯи ислоҳот ва тағйирпазириҳо роҳ пеш гирад. Илми ҳуқуқшиносӣ бояд ареал (пешоҳанг, ливо...)-и инкишофи қонунгузорӣ гардад, на қонунгузорӣ майдони инкишофи илм». Аз ин рӯ, солҳои охир ба мушкилиҳои назариявии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ таваҷҷуҳ бештар гаштааст.**

Ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани санадҳои қонунгузорӣ ва аз байн бурдани номувофиқативу мухолифатҳо дар санадҳои қонунгузорӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ва дар таҳрири нав интишор намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд. Ин фаъолият яке аз вазифаҳои асосии мақоми қонунгузории кишвар буда, дорои тартиби муайяни ба худ хос мебошад. Вобаста ба тартиби ворид намудани тағйиру илова ё хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо, ҷумлаҳои қисми таркибии санади қонунгузорӣ ва воҳидҳои сохтории он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳо муқаррар гардидаанд. Дар таҷрибаи қонунгузорӣ ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар сурати илова, иваз ё хориҷ намудани калима, ибора ва рақамҳои алоҳида дар як вақт дар якчанд модда ё бандҳои алоҳида ба миён меоянд. Дар ин ҳолатҳо чунин калима, ибора ё рақам дар шакли зайл ифода мегарданд: «дар ҳамин модда ва минбаъд дар тамоми матни қонун иваз, тағйир ё хориҷ карда шавад». Чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои қонунгузорӣ мухолифат надошта бошад ҳам, зимни мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амалия дуруст татбиқ намудани он ба мушкилӣ дучор омадан мумкин аст. Бояд зикр кард, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шакли васеъ манъ аст (масалан, ивази калимаҳо ё ибораҳо «аз рӯи матн»). Мутобиқи қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ, ҳар як тағйир бояд дар алоҳидагӣ бо ишораи дақиқи сохтори дохилии тағйирёбандаи санади қонунгузорӣ бо тартиб нишон дода шавад.

Мутобиқи қоидаҳои умумии техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, бояд пайдарҳамии сохтори қонун ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо нишон дода шавад, яъне аввал кадом воҳиди сохторӣ тағйир меёбад, пас аз он хислати тағйирот (иваз, хориҷ намудани калимаҳо, ихтисори воҳидҳои сохторӣ ё илова) баён гардида, матни лозима дар нохунак гирифта шавад. Илова бар ин, мутобиқи техникаи қонунгузорӣ ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба истилоҳи рақам, дар чунин ҳолат истилоҳи «адад»-ро танҳо навистан мумкин нест (масалан, рақами «125» ба рақами «126» иваз карда шавад). Агар зарурати ивазнамоии истилоҳи рақам дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён оянд, бо чунин тарз амалӣ мегардад: рақам ва калимаи «50 нусха» ба рақам ва калимаи «100 нусха» иваз карда шаванд.

Вобаста ба тағйиру илова ё хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо, ҷумлаҳо дар қисми таркибии санадҳои қонунгузорӣ ва воҳиди сохтории он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳо муқаррар гардидаанд. Ба ғайр аз ин, агар тағйири меъёрҳоро дар таҳрири нав пурра баён кардан зарур набошад, матни онҳо бо роҳи хориҷ, илова ва иваз намудани калима, ибора, ҷумла ва рақамҳо тағйир дода мешавад. Ҳангоми аз санади қонунгузорӣ хориҷ намудани фасл, зерфасл, боб, параграф, модда рақами тартибии онҳо мувофиқан тағйир дода намешавад. Агар қисмҳои таркибии модда хориҷ карда шавад, дар ин сурат қисмҳои таркибии дигари модда ба тартиб даровварда мешаванд.

Оид ба қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ бояд қайд кард, ки лоиҳаи қонунҳо набояд ҳаҷми калон дошта бошанд. Лоиҳаи қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо, ки зиёда аз 20 қисмро дар бар мегирад, номатлуб ҳисобида мешавад. Агар тағйироти лоиҳаи қонун хислати бузург дошта бошанд, беҳтар мешуд, ки дар лоиҳаи дигар пешниҳод гарданд. Дар акси ҳол, субъекти танзими ҳуқуқӣ бо мушкилиҳои дар хотир нагирифтани ҳамаи тағйироти сершумор рӯ ба рӯ шуда, кадоме меъёрҳо аз қонунгузории амалкунанда ва кадоме аз онҳо аз лоиҳаи нав ворид шудаанд, ба хотир нагирифта, мумкин аст ба иштибоҳ роҳ диҳад. Ин қоидаҳо ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои зерқонунӣ низ бояд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, чунин тартиб барои мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амал дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои воридгардида муфид мебошад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ чунин қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ ба назар мерасанд: а) ивазнамоии калимаҳо ва рақамҳо; б) хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо ва ҷумлаҳо; в) хориҷ намудани воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ; г) таҳрири нави воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ; ғ) илова намудани рақам, калима ва ҷумлаҳо ба воҳидҳои сохтории санади қонунгузорӣ; д) иловакунии воҳидҳои сохторӣ ба санади қонунгузорӣ; е) дароз намудани муҳлати амали санади қонунгузорӣ ё воҳиди сохтории он; ё) боздошт ё қатъи амали санади қонунгузорӣ ё воҳиди сохтории он; ж) аз эътибор соқит намудани санади қонунгузорӣ.

Унсури дигари техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ин дар таҳрири нав интишор намудани санади қонунгузорӣ мебошад. Агар тағйирот пурра мазмуни аввалаи санади қонунгузориро тағйир диҳад ва дастурҳои он ба таври принсипӣ хислати нав пайдо кунад, пас ин санадро дар таҳрири нав таҳия намудан мувофиқи мақсад мебошад, зеро дар таҳрири нав таҳия намудани санади қонунгузорӣ маънои аз нав ва такроран қабул шудани санади пештараро бо тағйироти нави воридшуда ифода менамояд, ки дар натиҷа санади қаблан амалнамуда қувваи ҳуқуқии худро аз даст медиҳад. Ин тарзи ворид намудани тағйирот танҳо дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ мешавад:

- агар зарурати иваз намудани принсипҳои танзими ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад;
- ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйироте, ки ба қисми зиёди воҳидҳои сохтории он таъсир мерасонанд (масалан, ба бештари боб ё фаслҳои он);
- қисман нигоҳ доштани аҳамияти воҳидҳои сохтории алоҳидаи санади қонунгузорӣ;
- ворид намудани тағйирот ба қисми ҷудонашавандаи санади қонунгузорие, ки қувваи ҳуқуқияшро аз даст додааст;
- дар таҳрири нав баён намудани қисмҳои алоҳидаи санади қонунгузорӣ мумкин аст, агар аллакай якчанд маротиба тағйирот ворид шуда бошанд.

Дар таҳрири нав интишор кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ аз дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ фарқи куллӣ дорад. Ҳангоми дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ имконияти тағйир додани матни санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳар гуна шакл ва ҳаҷм вуҷуд дорад. Дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ аз тағйиру иловаҳои пештар воридкардашуда ба санади меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ надорад ва матни ин тағйироти воридкардашуда мумкин аст пурра дигар карда шавад. Бинобар ин, чунин меъёрҳо дар хусуси дар таҳрири нав интишор кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд:

- барои дар таҳрири нав интишор кардан бояд ҳатман мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст, қарор қабул намояд;
- бо назардошти ҳамаи тағйиру иловаҳои воридгардида матни санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав тайёр карда шавад;
- таҳрири нави санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар нашрияи расмӣ интишор карда шавад.

Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав маънои ҷой додани матни пурраи санади меъёрии ҳуқуқиро дар нашрияи расмӣ ё воситаи ахбори омма, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф кардааст, дорад. Техникаи мазкур ба ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дахл дошта, бо мақсади дастрас намудани маълумот оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва барои дуруст татбиқ намудани он аз ҷониби субъектони иҷрокунанда амалӣ мешавад. Интишори тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав техникаи ба худ хосро дорад. Ҳангоми интишори санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои он нишон дода шаванд:

- намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ;
- санаи қабул;
- мансаб ва шахсе, ки онро имзо кардааст;
- ҷой;
- санаи имзо;
- рақами сабт.

Ҳамин тариқ, марҳилаи охирини амалигардонии техникаи қонунгузорӣ ин интишори санади қонунгузорӣ буда, интишори расмии матни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида яке аз шартҳои асосии эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани он мебошад. Ҳадаф аз интишори расмии санадҳои қонунгузорӣ, ин ба омма расонидани мазмун ва мундариҷаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Бо ин мақсад дар ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда чун қоида модда ё банди алоҳидае пешбинӣ мегардад, ки он тартиби мавриди амал қарор додани ин санади қонунгузориро муайян мекунад. Ин тартиб барои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якхела буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани онро муқаррар мекунад.

Дар баробари ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, мутобиқи қонунгузорӣ дар нашрияҳои расмӣ интишор карда намешаванд. Аз ин рӯ, интишори тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав на танҳо дар нашрияҳои расмӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар гардидаанд, балки дар сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ расман эътироф карда шавад, зеро дастовардҳои илмӣ ва техникии муосир имкон медиҳанд, ки интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пурра дастрас гардидани тағйиру иловаҳои воридгардида ба ҷомеа, дар сомонаи электронӣ расман ба чоп расанд. Чунин таҷриба дар давлатҳои пешрафтаи дунё мақоми расмиро гирифтааст. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар мақоми намояндагии қонунгузор «Сомонаи электронии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҳамчун сомонаи расмӣ эътироф намояд.

**Комрон ҶАМШЕДЗОДА,**
**мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Ҳушдор

**Мубориза бар зидди коррупсия дар ҷаҳони муосир ба масъалаи глобалӣ табдил ёфта, дар дунё кишваре нест, ки бо ин мушкилот рӯ ба рӯ набошад.**

Дар ин замина 31- уми октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми сентябри соли 2006 ба санади мазкур имзо гузошта, ба узвияти Конвенсияи СММ пазируфта шуд.

Барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва муборизаи густурда бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд.

# ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ КОРИ ДАСТАҶАМЪИСТ



Қайд кардан бамаврид аст, ки баъд аз ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, яъне шурӯъ аз 25-уми сентябри соли 2006, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои гуногуни муқовимат бо коррупсияро муқаррар ва танзим менамоянд, қабул шуда, барномасозии он дар сатҳи давлатӣ ба роҳ монда шуд. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои муайяншуда то ин вақт се санади барномавӣ, аз ҷумла «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2012», «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд.

Дар Корхонаи давлатии фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ноҳияи Айнӣ доир ба иҷрои санадҳои зикршуда нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ тасдиқ шудааст. Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мутахассисони ботаҷриба шарҳу тавзеҳ дода шуд. Бояд ёдовар гардид, ки бо қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми январи соли 2022 таҳти №10 «Дар бораи тасдиқ намудани нархномаҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз феҳристи ягонаи давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, додани машваратҳои ҳуқуқӣ оид ба анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирӣ, нусхабардории ҳуҷҷатҳо, дигар хизматрасонии ҳуқуқӣ ва техникии бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманд» дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, нархномаҳои зикршуда дар ҷойи муайян, бо назардошти шуъба ва бахшҳо, насб шудааст.

Мақсад аз татбиқи стратегия баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ, бартараф намудани сабабу шароити ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ин иқдомот барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона шудааст.

Хулоса ин аст, ки пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он кори дастаҷамъӣ буда, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, бояд дар ин самт фаъол бошанд.

**Некбахт МАҲМУДОВ, директори КДФ «БММҒ»дар ноҳияи Айнӣ**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:**

**1. Муовини сардори Раёсати рушди сайёҳии кумита – 1 ҷой**

**Маоши мансабӣ - 2585,15 сомонӣ** ва иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ:** таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон. Донистани забонҳои хориҷӣ ҳатмист.

**2. Сардори шуъбаи муҳосибот ва хоҷагӣ – 1 ҷой**

**Маоши мансабӣ - 2115,80 сомонӣ** ва иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ:** таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**3. Мудири бахши иқтисод ва банақшагирӣ – 1 ҷой**

**Маоши мансабӣ - 1735,85 сомонӣ** ва иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ:** таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**4. Сармутахассиси бахши муносибатҳои байналмилалӣ – 1 ҷой**

**Маоши мансабӣ - 1577 сомонӣ** ва иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ:** таҳсилоти олии касбии муносибатҳои байналмилалӣ, идоракунии давлатӣ, гуманитарӣ, технологияҳои муосири электронӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа. Донистани забонҳои хориҷӣ ҳатмист.

**5. Мутахассиси пешбари рушди сайёҳӣ – 1 ҷой**

**Маоши мансабӣ - 1256,50 сомонӣ** ва иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Талаботи тахассусӣ:** таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, идоракунии давлатӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ва 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, Донистани забонҳои хориҷӣ ҳатмист.

**БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН ҲУҶҶАТҲОИ ЗЕРИН ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД:**

-аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 адад сурати андозаи 4x6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);

-тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);

-нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

-маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);

-нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);

-эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молу мулкии худ (эъломияи андоз);

-нусхаи шиноснома;

-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

-маълумотнома аз ҷои истиқомат;

-маълумотнома оид ба доғи судӣ (ИТС);

-нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);

-маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби бахши кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.**

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо - 3, индекс: 734025, тел: (372) 27-85-79.

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 415965 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири асосии бинои казармаи №2 ва ошхонаи қисми ҳарбии 45085 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.06.2023 16:30:00 |
| 2 | 415978 | Муассисаи давлатии таълими томактабиии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №64»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Хӯроквӯрӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 16.06.2023 14:35:54 |
| 3 | 415979 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони №27»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Хӯроквӯрӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 16.06.2023 14:45:29 |
| 4 | 415968 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Сохтмони гулгашт воқеъ дар маҳаллаи 81-уми ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.06.2023 09:10:00 |
| 5 | 415969 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Панҷ» | Битум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.06.2023 09:25:45 |
| 6 | 415971 | Муассисаи давлатии «Маркази стоматологӣ»-и ноҳияи Панҷ | Роҳаткурсӣ (кресло)-и дандонпизишкӣ ва ҷевони баъди тамизгардонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 28.06.2023 09:35:40 |
| 7 | 415970 | Маркази саломатии ноҳияи Файзобод | Таҷҳизоти тиббӣ ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 28.06.2023 09:35:59 |
| 8 | 415966 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе | Молҳои электрикӣ, хоҷагидорӣ ва канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 28.06.2023 10:00:00 |
| 9 | 415972 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдаконаи шаҳри Душанбе | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 43 | 28.06.2023 10:00:00 |
| 10 | 415973 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Сохтмони роҳрави пиёдагарди кӯчаҳои С. Айнӣ (аз гардиши маҳаллаи Хатлон то чорроҳаи бозори Ҳоҷӣ Шариф) дар шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.06.2023 10:20:40 |
| 11 | 415975 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» | Моноблок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.06.2023 10:41:28 |
| 12 | 415974 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Ҳисор | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.06.2023 11:00:00 |
| 13 | 415976 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемориҳои карантинӣ» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.06.2023 14:05:00 |
| 14 | 415977 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 28.06.2023 14:05:59 |
| 15 | 415963 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти хунуккунанда ва фоттоаппарат бо объектив | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 28.06.2023 15:15:00 |
| 16 | 415964 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони кари ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои мактаб-интернат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.06.2023 15:35:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

**Правительство Республики Таджикистан при поддержке Всемирного банка приступает к реализации «Проект по улучшению управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ)**

**Целью предоставления консалтинговых услуг является оказание консультативной помощи в переводе с таджикского/русского на английский - с английского на таджикский/русский различные проектные документы (контракты, презентации, руководства и т.д.); модификации/изменения/комментарии Всемирного банка к проектным документам; документы заседаний тендерной комиссии и технической рабочей группы (отчеты об оценке предложений и т.п.); В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

| № | Вакантная позиция | Квалификационные требование |
|---|---|---|
| 1 | Местный инженер по ирригации/ консультант по ИСУИ (местный) 1 позиция | ● Высшее образование в сфере гидромелиорации и строительства гражданских сооружений;<br>● Не менее 5 лет опыта работы в области мелиорации и ирригации;<br>● Не менее 5 лет опыта работы в проектах международных финансовых организаций;<br>● Свободное владение русским и таджикским языками обязательно, владение английским языком является преимуществом;<br>● Личностные качества: работа в команде, нацеленность на результат, ответственность, умение работать в сжатые сроки. |

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности.

✓ Заявление на участие в конкурсе

✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке

✓ Копия диплома об образовании

✓ Копия паспорта

✓ Копия трудового книжки

✓ Копии ИНН, СИН

✓ Справка об отсутствии судимости

✓ Медицинская справка о здоровье

✓ Справка о место жительства

✓ Фотография 3 x 4 (4 штук).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, кабинет 6 офис ЦУП УВРФД).

Окончательный срок представления документов 20.06.2023 г. до $10^{00}$ часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседования.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

**Правительство Республики Таджикистан при поддержке Всемирного банка приступает к реализации «Проект по улучшению управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ)**

**Целью предоставления консалтинговых услуг является оказание консультативной помощи в переводе с таджикского/русского на английский - с английского на таджикский/русский различные проектные документы (контракты, презентации, руководства и т.д.); модификации/изменения/комментарии Всемирного банка к проектным документам; документы заседаний тендерной комиссии и технической рабочей группы (отчеты об оценке предложений и т.п.); В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение, следующей вакантной должности:**

| № | Вакантная позиция | Квалификационные требование |
|---|---|---|
| 1 | Специалист по финансовому управлению (местный) 1 позиция | ● Диплом университета в области бухгалтерского учета или экономики;<br>● По крайнее мере 5 лет профессионального опыта, опыт работы с государственными организациями, опыт работы в международных проектах, включая проекта Всемирного банка, знание финансовых процедур ВБ и РТ;<br>● Полное умение работать с текстом, электронными таблицами и программой 1С- бухгалтерского учета;<br>● Опыт работы с проектами, финансируемыми (Всемирный банк, Азиатский банк, ЕС, ЮСАИД, ПРООН, или другие международные или двусторонние доноры);<br>● Умение работать в команде разных международных и местных консультантов;<br>● Превосходные навыки общения владение таджикским и русским языками-устные и письменные,<br>● Сильная направленность на клиента и отличные навыки работы с компьютером (MS Офис). |

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности.

✓ Заявление на участие в конкурсе

✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке

✓ Копия диплома об образовании

✓ Копия паспорта

✓ Копия трудового книжки

✓ Копии ИНН, СИН

✓ Справка об отсутствии судимости

✓ Медицинская справка о здоровье

✓ Справка о место жительства

✓ Фотография 3 x 4 (4 штук).

**Документы представляются по адресу:** г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, кабинет 6 офис ЦУП УВРФД).

Окончательный срок представления документов 20.06.2023 г. до $10^{00}$ часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседования.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А 01992860-и гумшуда, ки онро ШММ Шарораи ШВКД дар ноҳияи Ҳисор 23-юми июни соли 2019 ба Зоалшоев Ҷаҳонбин Озодшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 149971-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14 (ҳоло №9)-и ноҳияи Шаҳринав соли 1995 ба Қурбонов Мамадризо Маҳмудродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди 959-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Тельман, ҳавлии 344 ба Исоев Абдусалом додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0166627-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2014 ба Одинаев Ҷаҳонгир Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Мамасобиров Рахматулло Ахмадалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Мамасабирова Хакикат Уруновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 72/7, ҳуҷраи 25 ба Назарова Мария Матвеевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи ҳадяи квартира, ки онро Идораи сеюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 11-уми сентябри соли 1996 таҳти қайди 8Д-3722 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 40-солагии Октябр (ҳоло кӯчаи Раҳмон Набиев), бинои 224, ҳуҷраи 18 ба Ульянов Игорь Васильевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ таҳти №54527-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 18-уми апрели соли 2022 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Шодӣ, ҳавлии №60 ба Садиков Раҳмоналӣ Ҳасанович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0193291-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Файзобод соли 2008 ба хоҷагии деҳқонии «Пирмуҳаммадзода» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории №8272-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳаи Ҳуснобод ба Қурбонов Фарҳод Тоҳирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидории №007/37593-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2007 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, қитъаи Шайнаки Гадо, кӯчаи Сомониён, хонаи 101 ба Азимов Азиз додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Ободонии нодир» (РЯМ 0210014815) эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии №0970777-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-шаҳри Ҳисор соли 2019 ба Расулов Меҳриддин Аҳлиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи АБ 06812-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №114-и ноҳияи Рӯдакӣ (ҳоло Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №113-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 2000 ба Юнусова Насиба Музафаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди гумшуда, ки онро Шуъбаи бақайдгирии вазъи ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 1984 ба Назаров Бахтиёр Сулаймонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0423065 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 21-уми майи соли 2020 ба Ғафуров Аминҷон Анварҷонович (РЯМ 0331420320) додааст, эътибор надоранд.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-ШТА № 0269962-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22-и ноҳияи Нуробод соли 2008 ба Мансираи Аҳмад додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии № 0270301 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 7-уми феврали соли 2017 ба Убайдуллоев Шерназар Саидович (РЯМ 0230063589) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва Иқтибос аз Феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Маҳмадиев Сафаралӣ Амиршоевич (РМА 025477146, РЯМ 0230075991) додааст, эътибор надоранд.

✓ Мошинаи назоратӣ – хазинавии хотираи фискалии тамғаи ОКА ПФ № 35749-и гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Нурматова Саида Баҳридиновна эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии таҳти қайди №15518-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 94, ҳуҷраи 15 ба Шукуров Олимҷон Адхамович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 94, ҳуҷраи 15 ба Шукуров Олимҷон Адхамович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 94, ҳуҷраи 15 ба Шукуров Олимҷон Адхамович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Дар асоси таъиноти Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 25-уми майи соли 2023 фаъолияти ҶСП ТАҚХ «СМТ – Сармоя» (РМА 010090359, РЯМ 0110015795) ва барҳамдиҳандаи ҶСП ТАҚХ «СМТ – Сармоя» қатъ карда шуд.

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 июни соли 2023, соати 20:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97